Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Рисолаи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон ба масъалаи таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бахшида шудааст. Мубрам будани таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо муайян кардани накши муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ дар баёни воқеъбинонаи рӯйдодҳои таърихии Мовароуннахру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва асри XV, мушаххас намудани дараҷаи тасвири авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннахру Хуросони ин давр дар осори муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ низ ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия дар ҳаҷми 77 саҳифа омода гардида, ҳолатҳои асосии интишори диссертатсияро ба мисли мубрамият, сатҳи таҳқиқи мавзӯъ, пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва қисмати асосии кори илмиро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи автореферат таъкид мегардад, ки таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз дерзамон мавриди пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифта, он бо паймонаҳои мухталиф дар асарҳои илмии ин донишмандон тасвири худро ёфтааст.

Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ ба он асос меёбад, ки як идда олимони кишвар чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давраи Темуриён пажуҳишҳо намуда, осори арзишманде таълиф кардаанд. Қобили зикр аст, ки унвонҷӯ доир ба омӯзиши лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон ва аз байн бурдани давлатҳои Сарбадорони Хуросон (соли 1381), Куртҳои Ҳирот (соли 1389)

ва Оли Музаффар (соли 1393) ва вахшониятҳои ӯ дар ин ё он минтақа асари пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳнамо такя кардааст. Минбаъд муаллиф дар таҳқиқ ва омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба осори илмии олимони рус ва шуравӣ, муҳаққиқони ватанӣ, Ӯзбекистон ва Афғонистон, олимони Аврупо ва Амрико рӯ овардааст.

Навгонии тадқиқот вобаста ба ҳар як параграфи диссертатсия бо мақсади муайян намудани комёбӣ ва муваффақияти илмӣ пешниход гардидааст ва бо алоқамандӣ дар андешаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ мешавад, ки мазмуни кори илмиро қавитар менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар қисмати асосии кор мазмуни фишурдаи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст. Таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба унвонҷӯ имкон додааст, хулоса намояд, ки дар аҳди шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ оид ба ин давраи таърихӣ бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ асарҳои зиёде таълиф гардид, ки ба паҳлуҳои гуногуни вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии солҳои 40-уми асри асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Автореферат ба диссертатсия мувофиқат мекунад. Диссертант муаллифи 1 монография, 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар нашрияҳои дигар, маърӯзаҳо дар семинару конфронсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ мебошад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон муайян шудааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад, инчунин муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Рисолаи диссертатсионӣ имкон медиҳад, хулоса карда шавад, ки таҳқиқоти ба ҳимоя тавсияшуда аз рӯи маводи истифодашуда, аз ҷумла манбаъҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ ҳамчун тадқиқоти мустақил ва мукаммал дониста шавад, ки дар доираи он масъалаҳои мубрами илмие ҳаллу фасл гардидаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» тибқи банди 53-и низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессори**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**МДТ "ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров", академики**
**Академияи илмҳои табиии Россия** **Турсунзода Назирҷон**
9 июни соли 2025

**Имзои Турсунзода Назирҷонро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ "ДДХ ба номи академик**
**Бобоҷон Ғафуров"** **Сайдуллозода З.С.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1, МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
тел.: (992-3422)6-52-73
http: // www.hgu.tj, E-mail: rector@hgu.tj